# Т А Қ Р И З

**ба диссертатсияи Аъзамов Субҳонҷон Баҳромҷонович дар мавзуи «Афкори адабии тоҷик дар охири садаи Х1Х - нимаи аввали садаи ХХ» барои барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)- Душанбе, 2024. – 361 саҳ.**

Омӯзиш ва таҳқиқи таърихи адабиёти тоҷики нимаи дуюми асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ ҳарчанд аз солҳои бистум, аз «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ оғоз ёфта бошад ҳам, вале ба таври густурда аз солҳои панҷоҳум ва баъд такомул ва инкишоф ёфтааст. Мақолаву рисолаҳои С. Айнӣ, А. Деҳотӣ, Б. Азизӣ, Т. Зеҳнӣ, А. Мирзоев, Х. Мирзозода, Ш. Ҳусейнзода, Н. Бектош, С. Улуғзода, Ҷ. Икромӣ, Н. Маъсумӣ, Р. Ҳодизода, С. Амирқулов, У. Каримов, М. Мирзоюнус ва дигарон дар пажуҳиши паҳлуҳои гуногуни ин давраи адабиёт, ҷараёнҳо ва чеҳраҳои адабӣ нақши муассиру мондагор гузоштаанд.

**Аҳаммияти мавзуи** диссертатсияи доктории Аъзамов Субҳонҷон Баҳромҷонович дар он зоҳир мешавад, ки то кунун бо вуҷуди таваҷҷуҳи муҳаққиқони алоҳида ба ин мавзуъ кори фарогир ва алоҳидае дар адабиётшиносии муосири тоҷик чун таҳқиқи диссертатсионии бевосита ва мустақим анҷом наёфтааст. Дар ин асос, мавзуи диссертатсияи доктории довталаби дараҷаи илмиро метавон мубрам арзёбӣ намуд. Довталаби дараҷаи илмӣ барҳақ қайд намудааст, ки «Таҳқиқи адабиётшиносӣ ва танқиди адабии охири садаи XIX ва нимаи аввали садаи XX аз умдатарин мавзуъ дар вазъи имрӯза аст, ки ба дарки аслу моҳияти бисёр саҳифаҳои ҷолиби таваҷҷуҳу норавшан мусоидат мекунад" (диссертатсия, с. 9).

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он зоҳир меёбад, ки бори нахуст омилҳо ва вижагиҳои афкори адабии тоҷик дар охири садаи Х1Х - нимаи аввали садаи ХХ, бахусус вежагиҳои ду марҳалаи муҳимми афкори адабӣ ва сухансанҷии навини тоҷик – марҳалаи то инқилобӣ ва баъди инқилоб дар пайвастагӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд.

Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки маводи диссертатсия, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва равиши пажуҳиши муаллиф дар омӯхтани масъалаҳои ҳамгун дар таърихи адабиёти давраи нави тоҷик ва коргоҳи эҷодии адибони дигар ба адабиётшиносон, унвонҷӯён, магистрантону донишҷӯён ва дигар алоқамандони адабиёт ҳамчун маводи назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 3 рисола ва маҷмуаи мақолаҳо, 2 дастури таълим, 79 мақолаву фишурдаи мақола, аз ҷумла 16 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 56 мақола ва 7 фишурдаи мақола дар дигар маҷмуаву маҷаллаҳои гуногуни илмӣ ба чоп расонидааст. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд

Диссертатсияи Аъзамов Субҳонҷон Баҳромҷонович ба чунин мавзуи муҳими адабиётшиносии тоҷик – масъалаҳои таҳқиқи афкори адабии тоҷик дар охири садаи Х1Х ва нимаи аввали садаи ХХ ба вижа марҳалаҳои адабиётшиносӣ ва нақди адабии навини тоҷик, сарчашмаҳои нақди адабии давраи равшангарӣ, таҳқиқ ва нашри манбаъҳои адабиву илмӣ, саҳми равшангарон дар арзёбии осори адабӣ, маҳфилҳои сухан ва анъанаи нақди адабӣ, тазкираҳо ва арзиши сухан аз назари тазкиранигорон, тазкираҳо – манбаи омӯзиши назари интиқодӣ, меъёри баҳои шеъру шоирӣ дар тазкираҳо, сарчашмаҳои адабӣ ва интиқодии «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ, диди интиқодӣ дар тазкираи «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ, Садриддин Айнӣ ва нақди сиёсиву иҷтимоӣ, вежагиҳои нақди адабӣ ва зуҳури аввалин китоби таърихи адабиёти навини тоҷик, Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва ниёзҳои нави шинохти адабиёт, Абулқосим Фирдавсӣ аз диди сухансанҷони замони нав, Носири Хусрави Қубодиёнӣ дар баррасиҳои замон, Камоли Хуҷандӣ дар меҳвари таҳқиқоти адабиётшиносӣ, Сотим Улуғзода: Масъалаҳои таърихи адабиёт ва нақди адабӣ, ибтидои фаъолияти интиқодии Ҷалол Икромӣ, Мирзо Турсунзода ва нақди адабӣ то нимаи аввали садаи ХХ, Тӯрақул Зеҳнӣ ва сухансанҷии навини тоҷик, Раҳим Ҳошим – адабиётшинос ва ноқиди сухан бахшида шудааст.

Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, чор боб, шонздаҳ фаслу панҷ зерфасл ва хулосаву номгӯи адабиёт фароҳам омадааст. Ба ин тартиб банду баст ва таркиби диссертатсия барои таҳқиқи муфассал ва амиқи илмии мавзуъ мусоидат намуда, имкон додааст, ки муаллифи

диссертатсия дар охир ба таври ҷамъбаст ҷанбаҳои назарӣ ва амалии мавзуъро баррасӣ намуда, ба хулосаҳои муҳим ва қобили эътимод бирасад.

Дар муқаддима ва тавсифи умумии таҳқиқ мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ё мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқ, вазифаҳои таҳқиқ, объекти таҳқиқ, мавзуи (предмети) таҳқиқ, асосҳои назарии таҳқиқ, асосҳои методологии таҳқиқ, сарчашмаи таҳқиқ, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назари ва амалии таҳқиқ, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаҳои ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, нашри таълифоти илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия тавзеҳ дода шудааст, ки аз маҷмуи ин масъалаҳо, омодагӣ, огоҳӣ ва мутолиаи кофии муаллифи рисола барои таҳқиқу таҳлили мавзуи интихобшуда ва мавқеи дурусти илмиву назарии ӯ дар анҷоми ин таҳқиқот маълум мегардад.

Боби аввали рисола – **«Заминаҳои шинохти афкори сухансанҷии навини тоҷик»** унвон дошта, як навъ вуруде ба масъалаҳои назарии афкори адабии тоҷик дар охири садаи X1X ва нимаи аввали садаи XX махсуб ёфта, аз ду фасл фароҳам омадааст.

Диссертант дар фасли аввали боби мазкур, ки «Марҳалаҳои адабиётшиносӣ ва накди адабии навини тоҷик” унвон дорад, асосан ба масъалаи бисёр муҳим ва ба истилоҳ даврабандии таърихи адабиёти тоҷик ва баҳсу талошҳое, ки оид ба он дар солҳои гуногуни асри XX аз тарафи пажуҳандагони ватаниву хориҷӣ, амсоли Мирзо Муҳсини Иброҳимӣ, С. Айнӣ, Б. Азизӣ, И.С. Брагинский, А.Н. Болдирев, муаллифони «Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик» (1956-1957), Р.Мусулмонқулов, Х. Шарифов, А. Сайфуллоев, М. Раҷабӣ, А. Маҳмадаминов, А. Набавӣ, А. Давронов, Х. Асозода, Ҷумъа Ҳамроев, И. Бечка баён гардидааст, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф бо вуҷуди сарфи назар кардани давраи адабиёти классикӣ ва адабиёти давраи баъди солҳои 50-ум ба хулосаи муҳимму мушаххас омада, таърихи адабиёти навини тоҷикро ба ду давра ҷудо ва онро мувофиқи матлаб медонад. “Ба андешаи мо,- менависад унвонҷӯй,- таърихи адабиёти навини тоҷикро то ибтидои солҳои 50-уми садаи XX ба чунин давраҳо ҷудо кардан мувофиқи матлаб аст: Якум. Адабиёти давраи маорифпарварӣ ва ҷадидӣ, ки аз замони фаъолияти Аҳмад Махдуми Дониш оғоз шуда, то марҳалаи аз байн бурдани ҷадидон дар давраи шуравӣ мерасад...” ва дуюм “Марҳалаи аввали адабиёти давраи

шуравӣ – адабиёти давраи пирӯзии ғояҳои атеистӣ, моддигароӣ ва асолатзудоии ҷомеаи шуравӣ, ки аз нимаи дувуми солҳои 20-уми садаи XX унвон дошта, то миёнаҳои солҳои 50-уми қарни бист идома дошт" (дисс.саҳ.28).

Барои ҷамъбаст ва натиҷагирии лозим муаллиф фасли дуюми ин бобро ба унвони «Сарчашмаҳои накди адабии давраи равшангарӣ» номгузорӣ намуда, масъалаҳои воқеан хеле муҳимми охири асри X1X ва ибтидои асри XX, яъне "таваҷҷуҳи равшангарону зиёиёни тоҷик ба зуҳурот ва рӯйдодҳои кишварҳои исломӣ, аз ҷумла ба «намунаи туркӣ»-и рушду равнақи илму маориф ва адабиёту фарҳанг"-ро дар такя ба қазияҳои Садри Зиё, Садриддин Айниву дигар равшангарон нисбат ба масъалаҳои мазкур мавриди муҳокимаву таҳлил қарор додааст.

Дониши фарох, муҳокимаҳои ҷиддӣ ва маводи фаровони маълумоти сарчашмаҳои адабиёти охири асри X1X ва ибтидои садаи XX ба диссертант имконият фароҳам овардааст, ки омилҳо ва заминаҳои пайдоиши мактабҳои усули савтия ва баҳсу талошҳо дар атрофи он, воридшавии рӯзномаву маҷаллаҳо ба забонҳои туркӣ, тоторӣ, форсӣ аз кишварҳои Туркия, Тотористон, Ҳиндустон, Миср ва мутолиаи онҳо, ки омили асосии шиносоии аҳли Бухоро бо рӯйдодҳо, зуҳуроти сиёсиву иҷтимоӣ, адабиву фарҳангии ҷаҳон ва олами ислом маҳсуб мешуданд, ҳамчунин андешаву зуҳуроти тозаҷӯӣ дар заминаи таъсиси мактаби усули нав сайру саёҳат ба марказҳои мухталифи исломӣ ва ба таҳсил пардохтани ҷавонони тоҷик дар кишварҳои мутараққии исломӣ ва сарчашмаҳои пайдоиши афкори пантуркистиро бо асноду далоил хеле хуб ба доираи таҳлилу муҳокима гирифта, ба чунин хулосаи муҳим расидааст, ки: аввалан, "Аҳмад Махдуми Дониш, Мирзо Сироҷи Ҳаким ва дигарон таҷрибаи таърихии Русия ва нақши кишварҳои ғарбиро дар бозсозии фикрии ҷомеа тавсия карда ва Сиддиқии Аҷзиву Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ низ дар ҳамин андеша қарор гирифтанд"; дуввум, "шахсиятҳое монанди Абулқодири Шакурӣ, Абдулвоҳиди Мунзим, Садриддин Айнӣ, Аҳмадҷон Махдуми Ҳамдӣ, Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ ва дигарон бо таъсиси мактабҳои усули ҷадид – «усули савтияи» саводомӯзӣ дар мактабҳои Русия ва Шарқи Наздикро ба кор гирифтаанд" (дисс. саҳ.47).

Дар боби дуюм – **«Вазъи сухансанҷӣ дар охири садаи X1X ва нимаи аввали садаи бист»-** муаллифи диссертатсия ба таҳлили таҳқиқ ва нашри манбаъҳои адабиву илмӣ, саҳми равшангарон дар арзёбии осори адабӣ, маҳфилҳои сухан ва анъанаи накди адабӣ, тазкираҳо ва арзиши сухан аз назари тазкиранигорон, тазкираҳо – манбаи омӯзиши назари интиқодӣ, меъёри баҳои шеъру шоирӣ дар тазкираҳо, сарчашмаҳои адабӣ ва

интиқодии «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ, диди интиқодӣ дар тазкираи «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ, Садриддин Айнӣ ва нақди сиёсиву иҷтимоӣ, вежагиҳои нақди адабӣ ва зуҳури аввалин китоби таърихи адабиёти навини тоҷик пардохта, таъкид бар он дорад, ки дар омӯзиши мукаммали адабиёти охири садаи X1X ва ибтидои садаи XX бояд муҳаққиқони оянда "ҳарчи бештар бо фарорафт ба сарчашмаҳои дасти аввал кор анҷом бидиҳанд, ки фазои тозаеро дар адабиётшиносӣ ба вуҷуд меоварад".

Дар фасли авали ин боб – «Таҳқиқ ва нашри манбаъҳои адабиву илмӣ» зикр мешавад, ҳарчанд ки адабиёти охири садаи X1X ва ибтидои садаи XX аз тарафи як зумра адабиётшиносони давраи шӯравӣ ва даврони Истиқлол мавриди таҳқиқ қарор гирифта бошад ҳам, дар шароити имрӯза нашр ва дастраси алоқамандону муҳаққиқони таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ кардани сарчашмаҳои боз ҳам муҳимтарин ва дасти аввали замон аз вазифаҳои муҳим маҳсуб меёбад.

Аз муҳтавои фасли мазкур бармеояд, ки диссертант асосан таҳқиқу нашри тазкираҳои нимаи дуюми садаи X1X ва ибтидои асри XX-ро ҳамчун сарчашмаи боэътимоди омӯзиши афкори адабии равшанфикрон зикр намуда, дастрасӣ бо сарчашмаҳои охири садаи X1X ва ибтидои садаи XX-ро аз нашри литографии тазкираҳои «Туҳфат-ул-аҳбоб фи тазкират-ул-асҳоб»-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ (ба эҳтимоми таърихнигор Мирзо Салимбеки Инок, соли 1914) ва «Афзал-ут-тазкор фи зикри-ш-шуаро ва-л ашъор»-и Афзал махдуми Пирмастӣ (дар матбааи Орифҷонбойи шаҳри Тошканд, 1918) ба қалам медиҳад.

Ба аҳли таҳқиқ маълум аст, ки баъд аз таълифи тазкираи Муҳаммадбадеъ Малеҳои Самарқандӣ – «Музокир-ул-асҳоб» (соли таълифаш 1689) вобаста ба ноороми ва воқеаҳои сиёсӣ дар Осиёи Миёна дар давоми зиёда аз якуним аср тазкиранигорӣ қатъ мегардад. Дар натиҷаи ба ҷунбиш омадани ҳаёти адабӣ аз охири чоряки асри XIX сар карда дар марказҳои мадании аморати Бухоро ва шуҳрат пайдо кардани Бухоро ҳамчун маркази қувваҳои асосии адабӣ анъанаи тазкиранигорӣ дар аввали нимаи дуюми асри XIX бо тазкираи «Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ул-асҳоб» Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ аз нав эҳё мешавад. Тазкираҳое, ки пас аз ин таълиф ёфтаанд, монанди тазкираҳои Ҳоҷӣ Абдулазими Шаръӣ ва Мирсиддиқи Ҳашмат, тазкираҳои ибтидои асри XX – тазкираҳои Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ, Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам, Садри Зиё, С. Айнӣ ба равия ва ҳамчун давоми мантиқии тазкираи Возеҳ навишта шудаанд. Унвонҷӯй дар асоси маводи фаровон оид ба нашри ҳамаи тазкираҳое, ки дар давраҳои гуногун ба табъ расидаанд ва

пажӯҳишҳое, ки оид ба онҳо анҷом ёфтааст, дар мизони ақлу тафаккур таҳлилу баррасӣ ва ба арзишу ҷойгоҳи онҳо дар адабиётшиносӣ ва нақди адабии тоҷик баҳогузорӣ мекунад. Аз доираи таҳқиқ ва баррасиҳои С. Аъзамов ҳатто «Таърихи тазкираҳои форсӣ»-и Аҳмад Гулчини Маонӣ, ки дар шинохту маърифати тазкираҳои форсӣ дар ҳавзаи Мовароуннахр нақши муҳим дорад, дур намондааст.

Муаллифи рисола дар фасли дуюм ва фаслҳову зерфаслҳои дигари ин боби диссертатсия ба афкори адабиву эстетикии Аҳмади Дониш, ки аз тарафи ин “доҳии модарзод”(таъбири С.Айнӣ) ба аслу моҳияти шеъру шоирӣ, назарияи шакли шеър, маҳосин ва уюби он, таҳлили амалии зиндагӣ ва эҷоди аҳли адаб дар асарҳои таърихӣ, адабӣ, тазкираҳо ва ғайра, ки дар рисола, дафтарҳои мусаввада, осори манзум, хусусан, рисолаи «Наводир-ул-вақоеъ» зикр ёфтааст, таҳлилу баррасӣ намуда, баҳои воқеӣ медиҳад. Дар баробари ин диссертант дар фасли баъдии диссертатсия, ки давоми мантиқии фасли боло аст ба маҳфилҳои сухан ва суннатҳои нақду наққодӣ дар нимаи дуюми асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ, ба вежа маҳфилҳои адабии Шарифҷон Махдуми Садри Зиё, ки бо таъкиди муаллифи диссертатсия “ҷавҳари замон, ҳастии маънавӣ, адабиёт ва шеър ҳадафи гуфтугӯву баҳсу баррасии аҳли фазл” (дисс.с.81) будааст, дар асоси асноди мадраку маъхазҳои тозаи илмӣ, таҳқиқотҳои охир оид ба ин масъала андешаву мулоҳизаҳои муҳим баён кардааст. Чӣ хеле, ки дар фавқ низ ишора кардем, тазкира ва тазкиранигорӣ дар нимаи дуюми асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ идомаи суннатҳои гузашта маҳсуб меёбад, аз ин рӯ, барои дарки ниёзҳои ҷомеа чанд тазкира иншо шудааст. Дар ин тазкираҳо баробари муаррифии чеҳраҳои адабӣ оид ба диди ноқидонаи муаллифони онҳо низ андешаҳои муҳим баён ёфтааст, ки унвонҷӯй мӯшикофона онҳоро таҳлилу баррасӣ менамояд.

Дар радифи таҳлили тазкираҳои нимаи дуюми асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ баррасиву таҳқиқи «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ ҳамчун сарчашмаҳои адабӣ ва интиқодӣ аз диду назари муаллифи диссертатсия дур намондааст. Ба андешаи диссертатант аз 80 номгӯйи сарчашмаҳои “Намунаи адабиёти тоҷик”-и С. Айнӣ нахустин ва асоситаринаш “Намунаи адабиёти Эрон» маҳсуб меёбад, зеро “Ин ду асари муҳим, бешак, аз манбаъҳои арзишманди таъйини хатти таҳаввули нақди адабӣ ва адабиёшиносӣ дар он марҳалаи таърих аст. Ин ду асар ба мо салиқаи гирдоварии мавод оид ба таърихи адабиёт ва изҳори назар оид ба нақду сухансанҷӣ меомӯзонад” (дисс.саҳ.120).

Боби **сеюми диссертатсия “Ҷойгоҳи классикони адабиёт дар баррасиҳои илмии нимаи аввали садаи ХХ”** унвон дошта, дар чор фасли он масъалаҳои таҳқиқи нақшу ҷойгоҳи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ,

Абулқосим Фирдавсӣ, Носири Хусрав ва Камоли Хуҷандӣ, ки аз тарафи як зумра адибону адабиётшиносони шинохтаи давр мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, бахшида шудааст.

Рӯдакӣ ва рӯдакишиносӣ дар адабиётшиносии тоҷик асосан аз “Намунаи адабиёти тоҷик”-и Садриддин Айнӣ оғоз ёфта, дар солҳои баъдӣ (солҳои 20-50-и садаи XX) инкишоф ва такомул ёфтааст. Ба андешаи инҷониб С. Айнӣ ҳангоми таҳия ва иншои “шиносномаи миллат”, ки сарчашмаҳову манобеи илмии зиёдеро варақгардон кардааст, масъалаи дарёфти қабри Рӯдакӣ ва муаррифӣ кардани он ба ҷаҳониён ӯро ором намегузошт. Ин буд, ки соли 1936-1938 бо ташаббусу ҷадалҳои эшон қабри Рӯдакӣ пайдо ва ба ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ шуд. Баъд аз “Намунаи адабиёти тоҷик” дар муддати беш аз сӣ сол (солҳои 20-50-ум) доир ба зиндагинома, ашъор, мақом ва мавқеи Рӯдакӣ дар адабиёти форсии тоҷикии ин солҳо мақолаву рисолаҳои С. Айнӣ, Т. Зеҳнӣ, А. А. Семёнов, С. Улуғзода, А.Деҳотӣ, А. Мирзоев, Х. Мирзозода ва соири дигар манзури хонанда гаштааст.

Дар адабиётшиносӣ ва накди адабии ин давра марҳалаи муҳимми накду таҳлили «Шоҳнома» ва нақшу мақоми Фирдавсӣ ба солҳои 30-юми садаи XX рост меояд. Соли 1934 дар ҷомеаи илмӣ, адабӣ ва фарҳангии шуравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон ва Эрон ҷашни ҳазораи Абулқосим Фирдавсӣ ба таври васеъ таҷлил гардид, ки ин боиси рӯй овардани муҳаққиқон ба мавзуи Фирдавсӣ ва “Шоҳнома» гардид.

Дар мақолаву рисолаҳои С. Айнӣ, А. Фитрат, А. Болдирев, А. Лоҳутӣ ва баъдтар дар пажуҳишҳои М. Шакурӣ, Х. Отахонова, М. Раҷабӣ, А. Набавӣ, В. Самад, А. Маҳмадаминов ва дигарон паҳлуҳои зиндагиномаи Фирдавсӣ ва нақшу мақом ва таъсири “Шоҳнома” ба адабиёти ҷаҳонӣ дар таърихи адабиёти ҷаҳонӣ мариди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Омӯзиш, таҳлил, баррасӣ ва муайяну мушаххас намудани зиндагинома ва эҷодиёти Носири Хусрав низ аз солҳои 20 –уми садаи XX оғоз ёфта, солҳои сиюму чилум вусъат ва густариш ёфтааст. Дар носирихусравшиносии солҳои мазкур хизматҳои А.А. Семёнов, Е.Э. Бертелс, Х. Мирзозода, Л. Бузургзода, С. Улуғзода чашмрас аст, ки диссертант баъд аз таҳлилу баррасиҳо ба хулосе омадааст, ки “таърихи адабиётшиносӣ ва баҳсу мунозираҳои илмӣ дар ин марҳала ба дарки ин аслу ҳақиқат мусоиду муносиб аст, ки накд ва таҳлили ҷойгоҳи суханварони давраи классикии форсӣ-тоҷикӣ бештар ба пояи шинохти мафкураи давраи нав анҷом ёфта, ному кори онҳо санад барои кашмакашҳои мафкуравӣ будаанд” (дисс.с.214).

Чунин сабку услуби таҳқиқро унвонҷӯй дар фасли “Камоли Хуҷандӣ дар меҳвари таҳқиқоти адабиётшиносӣ” низ истифода намуда, мақолаву рисолаҳои интишорёфта оид ба Камоли Хуҷандӣ ва эҷодиёти ӯ, баҳсҳо дар атрофи зиндагиномаи шоирро бо асноду мисолҳои мушаххас таҳлил ва манзури аҳли илму адабиёт кардааст, ки аз муҳаққиқи борикназар будани муаллифи диссертатсия башорат медиҳад.

Боби чоруми диссертатсия **«Ноқидони адабиёт ва давраи нави нақди адабӣ»** унвонгузорӣ шудааст. Диссертант дар фаслҳои ин боб таърихи адабиёт ва нақди адабӣ аз нигоҳи Сотим Улуғзода, нақши Ҷалол Икромӣ дар нақду наққодии солҳои 30-50-ум, Мирзо Турсунзода ва масъалаҳои нақди адабӣ, Тӯрақул Зеҳнӣ ва сухансанҷии навини тоҷик, Раҳим Ҳошим – адабиётшинос ва ноқиди сухан барин масоили муҳимро, ки дар адабиётшиносӣ ва нақди адабии солҳои 20-50-уми садаи XX воқеан нақши муҳиму мондагор гузоштаанд, дар ғалбери ақлу заковати хеш бехта, навиштаву андешаҳои эшонро оид ба масоили муҳимми адабиёти гузаштаву муосир, ба вежа нақди адабӣ таҳлилу баррасӣ кардааст. Мавод ва асноди зиёди маҷаллаву рӯзномаҳои ибтидои садаи XX ва имрӯз, сарчашмаҳо, мақолаву рисолаҳои таҳқиқотии адабиётшиносону ноқидони сухан ва муаррихон дар фаслҳои мазкури боби чорум таҳлилу арзёбӣ шудааст.

Муаллифи рисола бо истифода аз равиши таҳқиқи қиёсӣ-таърихӣ ва таҳлили таърихӣ-типологӣ нишон медиҳад, ки дар «омӯзиши сайри таърихӣ, таҳаввули нақди адабӣ ва дидгоҳи сухансанҷии охири садаи XIX ва нимаи аввали садаи XX барои вусъат ёфтани чашмандози адабӣ ва интиқодии насли имрӯз муҳим аст ва он барои адабиётшиносӣ арзиши назаррас дорад» (дисс.с.17).

Муаллиф дар бахши хулосаи рисола муҳимтарин натиҷаҳои таҳқиқоти худро дар 14 банд пешниҳод менамояд, ки ба таври куллӣ нуктаҳои дорои аҳамияти илмиву назариявии рисоларо дар бар гирифтааст.

Аз ҳамин лиҳоз рисолаи доктории Аъзамов Субҳонҷон Баҳромҷонович дар мавзӯи «Афкори адабии тоҷикӣ дар охири садаи XIX – нимаи аввали садаи XX» таҳқиқоти тозаи илмӣ буда, аз чанд ҷиҳат афзалият дорад:

1. Мавзуи интихобшуда, яке аз масъалаҳои муҳим дар адабиётшиносӣ, бахусус нақди адабӣ маҳсуб ёфта, дар он муаммо ва паҳлуҳои зиёди нақду адабиётшиносии солҳои 20-50-уми садаи XX арзёбӣ шудааст.

2. Банду баст ва таркиби рисола ба талаботи муосири таҳқиқоти илмӣ ҷавобгӯ буда, имкон додааст, ки муаллиф мавзуъро ба ҳадди лозим таҳқиқу баррасӣ ва ҳал намояд.
3. Сарчашмаҳои илмиву назарӣ аз адабиёти илмиву бадеии ватанӣ ва хориҷӣ аз назари шумора ва қиммати илмиву амалӣ нишон медиҳанд, ки муаллифи рисола ба ҳадди кофӣ дар робита ба ин мавзуъ мутолиа анҷом додааст. Андешаҳо ва баҳсҳои муаллиф бо муҳаққиқони дигари мавзуъ ҳамчунин шоҳиди огоҳии хуби муаллиф аз мавзуи мавриди таҳлил мебошад.
4. Дар рисолаи мазкур хулосаҳо, пешниҳодҳо ва фарзияҳои илмиву назариявие оварда шудааст, ки ҷанбаи илмии рисоларо бештар кардаанд.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ дар диссертатсия баъзе камбудӣ ва норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо нияти пешрафти корҳои таҳқиқии минбаъдаи муаллиф, зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1.Ба назари мо, дар қисмати дараҷаи таҳқиқи мавзуъ таҳлилу баррасии мақолаву рисолаҳои ба мавзуъ иртибот дошта, зарурате надорад. Бо нишон додани номи мақола ё рисола ва ишора ба адабиёт кифоя аст.

2. Ба андешаи мо агар зерфаслҳои 2.4.4 ва 2.4.5 ба зерфасли 2.4.3 боби дуюм муттаҳид мешуд беҳтар буд, зеро дар ин зерфаслҳо масъалаҳои ба якдигар иртибот дошта ва вобаста таҳлил ёфтаанд.

3.Дар диссертатсия ному насаби муҳаққиқон ба шаклҳои гуногун зикр гардида, низоми муайян ба назар намерасад. Чунончи: Атахон Сайфуллоев (А. Сайфуллоев) Абдулҳай Маҳмадаминов (А. Маҳмадаминов) Валӣ Самад (В.Самад) ва ғайра...

4.Баъзе ҷумлаҳо дар диссертатсия нотамом мондааст, амсоли “Аввалан, то китоби «Намунаи адабиёти тоҷик» чунин шакли номгузорӣ...” фикр ба анҷом нарасидааст, ҳамчунин дар саҳ. 175 низ ба чунин нотамомии фикр вомехӯрем, дар баробари ин ҳангоми афтидани ҳарфи “и” ҷумла моҳияташро дигар кардааст, чунончи: “Дар асл таваҷҷуҳ ба муносибати М. Турсунзода ба мероси адабӣ ва шинохти арзишҳои адабӣ солҳои 40-уми садаи ХХ баъди солҳои 80-ум бо зуҳури падидаи бозсозӣ ва ошкорбаёнии Горбачёв оғоз гардид” (саҳ. 247). Ин ҷо “арзишҳои адабии” бояд бошад, баъд ҷумла саҳеҳ мегардад.

4. Диссертант дар фасли “Носири Хусрави Қубодиёнӣ дар баррасиҳои замон” (саҳ.192-214) ба масъалаи хеле муҳим дар носирихусравшиносии олимони солҳои 30-юм, бахусус мактуби А.

Деҳотӣ ба устод Айнӣ аз 29 апрели соли 1939 оид ба Н. Хусрав андешаҳо баён кардааст. Маълум, ки устод Айнӣ дар "Намунаи адабиёти тоҷик" танҳо шоирону адибони ҳавзаи адабии Мовароуннаҳрро интихоб кардааст. Вале, дар "Намуна..." ва дигар навиштаҳои С.Айнӣ оид ба Н. Хусрав ва эҷодиёти ӯ ҳарфе нарафтааст. Диссертант дар асоси ин маълумот ва дигар асноди вобаста ба ин масъала таваҷҷуҳ накардани устод Айниро бояд баррасӣ мекард.

5. Унвонҷӯй ҳангоми баррасии фасли 3.1-и боби сеюм дар бораи мақолаву рисолаҳое, ки солҳои сиюму панҷоҳуми садаи бист доир ба Рӯдакӣ ва эҷодиёти ӯ таълиф ва нашр шудаанд, бо номбар кардани рисолаи "Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ"-и А. Мирзоев (1958) иктифо мекунад. Ҳол он ки дар арафаи ҷашни ҳазорсолагии Одамушшуаро Рӯдакӣ мақолаву рисолаҳои хеле зиёд таълиф ва нашр гардидаанд, ки аз баррасии муаллифи рисола дур мондаанд.

6. Дар баъзе фаслҳо ҷанбаи публицистии таҳқиқ нисбат ба таҳлили адабиётшиносӣ бештар ба назар мерасад, масалан 1.2; 2.3 ва ғайра.

7. Бобҳои диссертатсия бидуни хулосаҳо ба анҷом расидаанд. Ба андешаи инҷониб агар муаллифи диссертатсия дар қодирсухани бобҳо ба таври хулоса андешаву мулоҳозиҳои хешро аз бардошти мавзуъ ҷамъбаст ва пешниҳод менамуд, беҳтар буд.

Ба таври умум, эродҳои зикршудаислоҳпазир буда, ҳангоми таҳия ва нашри рисола ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Аъзамов Субҳонҷон Баҳромҷонович ҳусни аз ин ҳам бештар зам менамоянд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифтаанд. Мавзуи интихобнамудаи ӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи доктории Аъзамов Субҳонҷон Баҳромҷонович дар мавзуи «Афкори адабии тоҷикӣ дар охири садаи XIX – нимаи аввали садаи XX» ба талаботи бандҳои 31-35-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ:
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Худойдодов А.О.
«18» майи соли 2024.
Суроға: 734013, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кӯчаи Х. Мирзоев 1, гузаргоҳи 3
Тел.: (+992) 988253300
E-mail: khudoidodov1959@mail.ru

Имзои профессор А. Худойдодовро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.
Суроға: 734003 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Телефон: (+992-37) 224-13-83;
E-mail: info@tgpu.tj
«18» майи соли 2024.